«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти иқтисодиёт
ва демографияи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, д.и.и., профессор
_______________К.О. Бобозода
«_27_» _июни_ соли 2025

# ХУЛОСАИ

*ҷаласаи якҷояи шуъбаи таҳқиқоти институтсионалӣ ва шуъбаи моделсозӣ ва дурнамогирии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Диссертатсияи номзадии Раҷабов Мухтор Аҳмадҷонович дар мавзуи "Хусусиятҳои ташкил ва идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар шуъбаҳои таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.*

Раҷабов Мухтор Аҳмадҷонович, 20 августи соли 1988 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Раҷабов Мухтор Аҳмадҷонович солҳои 2011-2016 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёти меҳнат хатм намудааст. Пас аз хатми Донишгоҳи мазкур соли 2018 ба Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) дохил шуда, соли 2021 Акдемияи мазкурро аз рӯйи ихтисоси иқтисодчӣ менеҷер хатм намудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Муминова Фарида Маҳмудовна - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири шуъбаи моделсозӣ ва дурнамогирии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Мавзуи диссертатсияи Раҷабов Мухтор Аҳмадҷонович бо фармоиши директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз санаи 1 июни соли 2018, №39 тасдиқ карда шудааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ, шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ мавҷуд аст. Имтиҳонҳо аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ)

таърихи 11.05.2022 бо баҳои 4 (хуб), аз фанни забони русӣ 26.06.2023 бо баҳои 4 (хуб), аз фанни таърихи фалсафаи илм 05.11.2020 бо баҳои 4 (хуб), дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва имтиҳон аз рӯйи ихтисос 16.01.2025 бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон супорида шудаанд.

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Раҷабов Мухтор Аҳмадҷонович дар мавзуи "Хусусиятҳои ташкил ва идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба масъалаҳои мубрами муосири илми иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳамзамон, бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дар марҳилаи кунунии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо дигаргуниҳои амиқ дар низоми иҷтимоию иқтисодӣ ҳамроҳ аст, зарурати таҳия ва татбиқи механизмҳои нави иқтисодии танзимкунанда эҳсос мегардад. Ин механизмҳо ба ҳифзу пешбурди устувори равандҳои стратегии рушд равона буда, ба татбиқи ҳадафҳои миллӣ мусоидат мекунанд.

Мубрамияти мавзуъ аз чанд омилҳо бармеояд:

1. тақвияти пайдарпайи ислоҳоти маъмурӣ барои баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ;

2. ниёз ба истифодаи оқилона ва шаффофи захираҳои буҷетӣ;

3. талаботи афзоянда ба хизматрасонии босифати давлатӣ дар шароити рақобати ҷаҳонӣ ва рақамисозӣ.

Дар ин замина, идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии таъмини самаранокии ислоҳоти маъмурӣ арзёбӣ мегардад. Аҳаммияти он на танҳо бо таъсири мустақим ба хароҷоти сохторҳои давлатӣ, балки пеш аз ҳама бо боло бурдани натиҷанокии фаъолияти онҳо алоқаманд аст. Тағйирот дар низоми хизмати давлатӣ дар ин маврид на ба сифати ҳадафи мустақил, балки ҳамчун воситаи ҳалли вазифаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар маънидод мешавад.

Тибқи таҷрибаи кишварҳои гуногун, татбиқи механизмҳои бисёрсамтаи идоракунии захираҳои инсонӣ вобаста ба афзалиятҳои миллӣ, хусусиятҳои сохторӣ ва шароити бозори меҳнат тарҳрезӣ мешавад. Дар муқоиса, низоми хизмати давлатӣ то ҳадди зиёд аз сифати кори хизматчиёни давлатӣ вобастагӣ дорад, зеро маҳз онҳо иҷрои бевоситаи ваколатҳои ҳокимияти давлатиро таъмин менамоянд.

Захираҳои инсонӣ дар бахши давлатии хизмат ҳамчун шарти калидии баланд бардоштани натиҷанокии касбӣ шинохта шуда, такягоҳи як қатор самтҳои муҳим ба шумор меравад: таҳкими заминаи меъёрию ҳуқуқии хизмати давлатӣ; таъминоти илмию методии такмили ихтисос; арзёбии натиҷанокии фаъолияти хизматчиён; ҷалби технологияҳои муосир барои рушди сармояи инсонӣ ва такмили низоми кафолатҳои иҷтимоӣ.

Дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонӣ, пешомади чолишҳои нав зарурати тақвияти касбият ва салоҳияти хизматчиёни давлатиро боз ҳам равшантар месозад. Аз ин рӯ, коркарди самтгирии консептуалии таъмини мақомоти давлатӣ бо мутахассисони соҳибтахассус ва босалоҳият ҳамчун вазифаи назариявӣ-амалӣ аҳаммияти аввалиндараҷа касб мекунад.

Дар сатҳи сиёсати муосири бозори меҳнат низ, масоили идоракунии самараноки захираҳои инсонӣ ба масъалаи муҳимми стратегӣ табдил ёфтааст. Мубрамият аз он иборат аст, ки таҳияи равишҳои дифференсиалӣ мутобиқ ба хусусиятҳои иҷтимоию демографӣ ва тахассусии гурӯҳҳои гуногуни кадрӣ, зарур мегардад. Ин раванд бар таҳлили амиқи фаъолияти кадрҳо ва нақши роҳбарияти миёнаву болоӣ асос ёфта, ҳамчун заминаи воқеӣ барои боло бурдани самаранокии идоракунии кадрӣ дар тамоми зинаҳои идоракунӣ хизмат мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи диссертатсия бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва

паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” робита дорад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи нақшаи корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 иҷро карда шудааст.

**Мақсади таҳқиқот** ба таҳлили мукаммали асосҳои назариявӣ ва методии идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатӣ равона шуда, пешниҳоди тавсияҳои амалӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ тавассути тақвияти механизмҳои идоракунии кадрҳоро дар бар мегирад. Бо ин ҳадаф, омӯзиши пайдарпайи моделҳои муосири идоракунии захираҳои инсонӣ, бахусус дар марҳилаҳои омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳо, ҳамчунин, дар равандҳои тақсим ва азнавтақсимкунии иқтидорҳои идоракунӣ аҳаммияти хос ва арзиши иқтисодии амалӣ пайдо менамояд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади асосӣ, дар диссертатсия ҳаллу баррасии масъалаҳои зерин зарур дониста шудааст:

- таҳлили заминаҳои назариявӣ, методӣ ва институтсионалии ташаккул ва рушди идоракунии захираҳои инсонӣ ва пешниҳод намудани таърифи муаллифии ин низом;
- муайянсозии вижагиҳои сохторӣ ва функсионалии механизмҳои идоракунии захираҳои инсонӣ дар шароити иқтисодиёти гузариш бо таваҷҷуҳ ба омилҳои самаранокӣ ва устуворӣ;
- арзёбии нақшу ҷойгоҳи идоракунии захираҳои инсонӣ, бозтафсири марҳилаҳои ташаккул ва хусусияти рушди он ва таҳияи модели амалӣ барои низоми хизмати давлатии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ;
- ошкор намудани маҷмуи шароит ва омилҳое, ки ба ташкили муассир ва истифодаи ҳадафманди захираҳои инсонӣ дар сохторҳои давлатӣ, бахусус дар воҳидҳои масъули идоракунии кадрҳо таъсир мегузоранд;

• асосноккунии самтҳои афзалиятноки рушди идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатӣ ва таҳкими нақши он дар баландбардории самаранокии иқтисодию идоракунӣ;

• пешниҳоди тавсияҳои илмӣ-методӣ ҷиҳати тақвияти механизмҳои тайёркунӣ, бозомӯзӣ ва рушди иқтидори касбии хизматчиёни давлатӣ.

**Объекти таҳқиқот**. Ба сифати объекти таҳқиқот сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат дар самти ташаккул ва татбиқи сиёсати кадрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, маҷмуи масъалаҳои такмил ва рушди захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатӣ баррасӣ гардидааст. Дар ин замина, низоми идоракунии захираҳои инсонӣ дар доираи фаъолияти Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун пояи институтсионалӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Предмети таҳқиқот.** Предмети асосии таҳқиқот маҷмуи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар низоми идоракунии захираҳои инсонӣ мебошад, ки дар сатҳи омодасозии кадрҳои роҳбарикунанда ва дар марҳилаҳои ташаккул, тайёркунӣ, бозомӯзӣ, тақсиму азнавтақсим ва истифодаи кадрҳо дар низоми хизмати давлатӣ зоҳир гардидааст. Ба доираи предмет ҳамчунин равандҳои таҳия ва такмили меъёрҳои институтсионалӣ, стандартҳо ва механизмҳои рушди идоракунии захираҳои инсонӣ, аз ҷумла тарҳрезии меъёрҳои салоҳият, тартиби арзёбии натиҷанокӣ, ҳавасмандгардонӣ ва рақамисозии равандҳои кадрӣ мансуб гардидааст.

**Фарзияи таҳқиқот** дар он асос ёфтааст, ки таҳким ва такмили асосҳои назариявию методӣ, ҳамчунин, ҳамоҳангсозии механизмҳо ва омилҳои иҷтимоию иқтисодие, ки хусусиятҳои ташкил ва идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян месозанд, ба болоравии сифат, самаранокӣ ва устувории идоракунии кадрӣ дар сатҳи давлатӣ мусоидат кардааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар пояи мулоҳизоти муосири илми иқтисод, пеш аз ҳама дар неоинститутсионализм чун

равияе, ки қоидаҳо, меъёрҳо ва институтҳоро ҳамчун танзимгарони рафтори иқтисодии инсон меомӯзад, такя мекунад. Ҳамзамон, таҳқиқот аз дастовардҳои назарияи идоракунӣ, иқтисодиёти меҳнат, психологияи иқтисодӣ ва психологияи фаъолияти касбӣ, сотсиологияи меҳнат, идоракунии ҳайати кормандон, назарияҳои ҳавасмандгардонӣ, назарияи ташкилот, равиши системаҳои умумӣ ва назарияи самаранокӣ истифода мебарад. Ин замина имкон медиҳад, ки хусусиятҳои ташаккул, танзим ва такмили механизмҳои идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатӣ бо назари мукаммали иқтисодию институтсионалӣ таҳлил гардида, тавсияҳои амалӣ бо эътибори меъёрҳои илмӣ асоснок шаванд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Пояи методологии таҳқиқотро равишҳои **таҳлили системавӣ, ҳолатӣ** ва **рафторӣ** ташкил додааст, ки барои баррасии равандҳои ташаккули низоми идоракунии захираҳои инсонӣ ба кор бурда шудаанд. Барои асоснок намудани хулосаҳо ва дастурамалҳои амалӣ чунин маҷмуи усулҳо истифода гардидааст:

- **Таҳлил ва синтез**и робитаҳои дохилӣ ва пайвандҳои сабабию натиҷавӣ;
- **Индуксия ва дедуксия** ҷиҳати сохтани модели назариявӣ ва санҷиши он дар заминаи далелҳои амалӣ;
- **Таҳлилҳои иқтисодӣ** қиёс ва андозагирӣ, гурӯҳбандӣ, муқоисаҳо, ҳисобҳои нишондиҳандаҳои нисбӣ ва миёна.

Ин маҷмуи усулҳо имкон додаст, ки хусусиятҳои сохторӣ ва функсионалии идоракунии захираҳои инсонӣ бо дақиқияти зарурии илмӣ таҳлил шуда, тавсияҳои амалӣ бо эътибори талаботи иқтисодӣ ва институтсионалӣ асоснок гарданд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Тамоми марҳилаҳои корҳои илмӣ таҳқиқотии диссертатсионӣ бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ анҷом дода шудааст. Аз ҷумла, интихоби мавзуи таҳқиқот, таҳияи нақшаҳои корӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди маводи оморӣ, интихоби сарчашмаҳои илмӣ, асосноккунии муҳиммият, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мустақилона амалӣ шудаанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ”, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Дастурамали талаботи тахассусӣ барои хизматчёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, маводи назариявӣ ва таҷрибавии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ҳисоботҳои солонаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солонаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва демографӣ дар ҷумҳурӣ манбаи асосии иттилоот мебошанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб ба ихтисос ва самти интихобшуда мувофиқат намуда, ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 уюни соли 2021, №267) ҷавобгӯй мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии кори мазкур дар анҷом додани таҳлили чуқур ва инкишофи минбаъдаи чаҳорчӯбаи назариявию методологии равандҳои идоракунии захираҳои инсонӣ дар шароити иқтисодиёти гузариш ифода ёфтааст, аз ҷумла:

– ҷанбаҳои назариявии ташаккулёбӣ ва рушди низоми идоракунии захираҳои инсонӣ, тавсифи мафҳуму меъёрҳои “захираҳои инсонӣ” ва таҳкими робитаи назариявии он бо мафҳуми “сармояи инсонӣ” муайян ва гурӯҳбандӣ гардидааст;

– хусусиятҳои фарққунандаи механизмҳо, вазифаҳо ва сатҳи идоракунии захираҳои инсонӣ дар шароити иқтисодиёти дигаргуншаванда муайян карда шудааст;

– нақши идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият тавсиф дода шудааст ва механизмҳои тақвияти он мавриди коркард қарор гирифта шудааст;

– ташаккул ва истифодаи захираҳои инсонӣ дар мақомоти идоракунии давлатӣ бо назардошти сохторҳои масъули идоракунии кадрӣ баррасӣ гардидааст;

– тавсияҳо доир ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии захираҳои инсонӣ дар хизмати давлатӣ таҳияи гардидааст;

– роҳҳои ислоҳ ва такмили механизмҳои интихоб, тайёркунӣ ва бозомӯзии хизматчиёни давлатӣ бо дарназардошти талаботи замони муосир пешниҳод карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он асос меёбад, ки низоми амалкунандаи идоракунии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пояи таҳлили мукаммалу системавӣ бознигарӣ шуда, бо дарназардошти қонуниятҳои идоракунии низомҳои иҷтимоию иқтисодӣ такмил ёфтаст. Дар ҷараёни таҳқиқот мақом ва нақши хизматчиёни давлатӣ дар сохтори иқтисодиёти миллӣ муайян гардида, самтҳои афзалиятноки такмили идоракунии фаъолияти онҳо дар заминаи асосноккунии илмӣ пешниҳод шудааст.

Аҳаммияти амалии рисолаи диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои назариявӣ ва методӣ метавонанд аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи дастурҳо стратегияҳо ва такмили шаклу усулҳои идоракунии захираҳои инсонӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

**Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо интихоби ихтисос.** Диссертатсияи Раҷабов Мухтор Аҳмадҷонович дар мавзуи “Хусусиятҳои ташкил

ва идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат, мувофиқат мекунад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Вобаста ба мавзуи диссертатсионӣ 10 мақола дар ҳаҷми 6 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чоп баромадаанд, ки пурра муҳтавои диссертатсия ва автореферати диссертатсияро инъикос менамояд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳо ва семенарҳои илмӣ-назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва дар раванди баргузор кардани дарсҳои лексионӣ ва амалӣ пешниҳод карда шудааст.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои илмии диссертатсия ҳангоми раванди фаъолият ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи ташкил ва идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифода гардидаанд: Агентии хизмати давлатии назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотномаи №03-1080 аз 21 майи соли 2025) инчунин ҳангоми тадрис дар раванди таълими Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотнома №02/03-407 аз 21 майи соли 2025) аз фанҳои "Идоракунии захираҳои инсонӣ", "Технологияи кадрӣ дар хизмати давлатӣ", "Асосҳои сиёсати кадрӣ", "Идоракунии ҳайати кадрӣ", "Менеҷменти кадрӣ" ва "Санъати роҳбарӣ" татбиқ мешаванд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Тамоми марҳилаҳои корҳои илмӣ таҳқиқотии диссертатсионӣ бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ анҷом дода шудаанд. Аз ҷумла, интихоби мавзуи таҳқиқот, таҳияи нақшаҳои корӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди маводи оморӣ, интихоби сарчашмаҳои

илмӣ, асосноккунии муҳиммият, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мустақилона амалӣ шудаанд.

**Рӯйхати мақолаҳои чопшудаи Раҷабов Мухтор Аҳмадҷонович**


1. Раҷабов, М.А. Асосҳои назариявии захираҳои инсонӣ [Матн] / М.А. Раҷабов // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №4.2 (49). – С. 85-89.

2. Раҷабов, М.А. Ташаккули тарҳсозиҳои идоракунии захираҳои меҳнатӣ дар системаи хизмати давлатӣ [Матн] / М.А. Раҷабов // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №4.2(54). – С. 99-109.

3. Раҷабов, М.А. Рушди захираҳои инсонӣ ва мафҳумҳои асосии он дар ташкилотҳои муосир [Матн] / М.А. Раҷабов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №2. – С. 140-144.

4. Раҷабов, М.А. Идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун системаи иҷтимоию иқтисодӣ [Матн] / М.А. Раҷабов // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №1(55). – С. 124-137.

5. Раҷабов, М.А. Асосҳои илмии рушди идоракунии захираҳои инсонӣ [Матн] / М.А. Раҷабов // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №2(55). – С. 117-122.

6. Раҷабов, М.А. Вазъи рушди сармояи инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.М. Муминова, М.А. Раҷабов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №4. – С. 140-147.

7. Раҷабов, М.А. Идоракунии захираҳои инсонӣ дар қонунгузории хизмати давлатӣ [Матн] / М.А. Раҷабов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Илмҳои ҷаъиятшиносӣ. – Душанбе, 2025. – №2. – С.31-35.

**Дар дигар нашрияҳо:**

8. Раҷабов, М.А. Ташаккулёбии системаи таъминамоии кадрҳо ҳамчун элементи сиёсати кадрӣ [Матн] / М.А. Раҷабов // Маҷаллаи Идоракунии давлатӣ. –№1. – 2019. – С. 56-61.

9. Раҷабов, М.А. Неру ва рушди захираҳои инсонӣ дар мактабҳои илмии Россия [Матн] / М.А. Раҷабов // Маҷаллаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи "Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ: моделҳои муосири самаранокии он". – Душанбе, 2021. – С. 169-177

10. Раҷабов, М.А. Арзёбии сифати захираҳои инсонӣ дар хизмати давлатӣ ва интихоби онҳо [Матн] / М.А. Раҷабов // Маҷалаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи "Масъаллаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Точикистон". – Душанбе, 2022. – С. 257-268

Аз натиҷаи баррасии пешакии таҳқиқоти диссертатсионии диссертант Раҷабов Мухтор Аҳмадҷонович дар ҷаласаи якҷояи шуъбаи таҳқиқоти институтсионалӣ ва шуъбаи моделсозӣ ва дурнамогирии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар асоси овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсия чунин

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Раҷабов Мухтор Аҳмадҷонович дар мавзуи "Хусусиятҳои ташкил ва идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 "Тартиби додани унвонҳои илмӣ" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Раҷабов Мухтор Аҳмадҷонович дар мавзуи "Хусусиятҳои ташкил ва идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст, барои баррасӣ ва ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-О12 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 15 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

| | |
|---|---|
| тарафдор: | -15 нафар |
| зид: | - нест |
| бетараф: | - нест |

Хулоса дар ҷаласаи якҷояи шуъбаи таҳқиқоти институтсионалӣ ва шуъбаи моделсозӣ ва дурнамогирии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар протоколи №6/1 аз 25 июни соли 2025, қабул гардидааст.

Раис:
Мудири шуъбаи таҳқиқоти
институтсионалии Институти иқтисодиёт
ва демографияи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон,
н.и.и., дотсент — Алимов А.Л.

Котиб:
н.и.и., х.п.и.- шуъбаи
моделсозӣ ва дурнамогирии
равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ — Юнусзода Х.Қ.

Имзои А.Л. Алимов ва Х.Қ. Юнусзодаро тасдиқ менамоям,
Сардори шуъбаи кадрҳо — Аюбӣ Ф.

*Суроғаи институт: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734024, кӯчаи С.
Тел: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65
Айнӣ 44, Почтаи эл.: info@ied.tj*